**7271/13.2 ”д” аз 29.06.2016**

**Ба мақомоти ҳудудии андоз**

Оид ба шарҳи тағйиру иловаҳо ба
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи
Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои соли 2016”

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016” аз 9 июни соли 2016, №1321 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016”як қатор тағйиру иловаҳо ворид шуд.

Пеш аз ҳама бояд тазаккур дод, ки мутобиқи талаботи моддаи 2 Қонун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо мавриди амал қарор гирифтани он аз рӯзи якуми моҳи баъди интишори расмӣ (рӯзномаи “Садои мардум” №76(3556) аз 14.06.2016), яъне аз 1 июли соли 2016 муқаррар шудааст.

Дар Қонун “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016” (минбаъд “Қонун”) тағйиротҳои зерин ворид карда шуд.

1. Дар қисми 1 моддаи 15 Қонун калимаҳои “ва таҳвили он” бо калимаҳои “**, таҳвили гандум, инчунин фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда**” иваз карда шуда, ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд: “**Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудае, ки ҳангоми хариди (воридоти) дигар маҳсулоти (кору хизматрасониҳои) барои таҳвили минбаъдаи гандум ва (ё) коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда истифодашаванда пардохта шудааст, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад**.”.

Қаблан воридкунандагони гандум аз таҳвили гандуми воридшуда бо меъёри 10 фоиз ва аз таҳвили маҳсулоти коркарди он 18 фоиз андоз аз арзиши иловашуда пардохт менамуданд. Шуруъ аз 1 июли соли 2016 меъёри андоз аз арзиши иловашуда барои воридоти гандум, таҳвили гандум ва маҳсулоти аз он коркардшаванда 10 фоиз муқаррар карда шуд.

Дар баробари он баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба таҳвилкунандагон пардохташуда, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад.

Мисол, ҶДММ “А” ба маблағи 1,0 млн. сомонӣ гандум ворид намуда, маблағи 100 ҳазор сомонӣ андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми воридот пардохтнамударо ба ҳисоб гирифта, аз таҳвили гандум ва (ё) маҳсулоти коркарди минбаъдаи он (орд, сабӯс) андоз аз арзиши иловашударо бо меъёри 10 фоиз пардохт менамояд. Дар сурати бо 15 фоиз болонархӣ, ки нархи фурӯш 1150 ҳазор сомонӣ мешавад, ҶДММ “А” ба буҷет 15 ҳазор сомонӣ (115-100) пардохт мекунад. Ҳамзамон, андоз аз арзиши иловашудаи хариди молу маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасониҳое, ки барои таҳвили минбаъдаи гандум ва (ё) маҳсулоти коркарди он анҷом дода мешавад, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад.

Агар ҶДММ “А” барои коркарди гандум ба маблағи 100 ҳазор сомонӣ нерӯи барқ ва 100 ҳазор сомонӣ дигар молу иҷрои кор ва хизматрасонӣ (об, сӯзишворӣ, борбандӣ ва ғайра) харидорӣ намуда, барои ба ҳисоб гирифтани маблағи 36 ҳазор сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дастрас намояд, пас аз ин маблағ 20 ҳазор сомониро ба ҳисоб гирифта, маблағи 16 ҳазор сомониро ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтан надорад. Маблағи ба ҳисоб гирифта нашударо бояд ба арзиши мол, кор ва хизматрасонии харидашуда зам намояд (қисми 5 моддаи 111 КА).

Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифта шавад, ки дар сурати мавҷуд будани бақияи мол, кор ва хизматрасониҳои пардохташуда, ки минбаъд барои коркарди гандум истифода мешаванд, бояд ҳиссаи андоз аз арзиши иловашудаи баҳисобгирифташудаи онҳо бекор карда шаванд. Дар ҳолати мавҷуд будани чунин бақия пешниҳод намудани эъломияи тасҳеҳии андоз аз арзиши иловашуда, бо нишон додани он дар сатри фуруши мол (кор ва хизматрасонӣ) зарур мебошад.

2. Дар қисми 8 моддаи 15 Қонун тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он **дарахтон ва гулу буттаҳои ороишие, ки аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд** аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки таҳвили минбаъдаи онҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда нашудааст.

3. Ба моддаи 15 Қонун қисми 11 бо мазмуни зайл илова шуд:

“**Ҳисоб ва пардохти андоз аз фурӯши нахи пахта бекор карда шуда, бар ивази он боҷи содиротӣ барои нахи пахта ба андозаи 10 фоиз аз арзиши гумрукии нахи пахтаи содиротшаванда муқаррар карда шавад**.”

Тибқи муқаррароти мазкур аз 1 июли соли 2016 андоз аз фурӯши нахи пахта дар дохили Ҷумҳурӣ бекор карда шуда, назорати пардохти он

ҳамчун боҷи содиротӣ танҳо ҳангоми содироти нахи пахта, ба зимаи Хадамоти гумрук вогузор карда мешавад.

Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати муайян намудани маблағи изофапулӣ ва бақияи қарзи андоз аз фурӯши нахи пахта, бо супорандагони ин намуди андоз санадҳои муқоисавӣ тартиб дода, ҷиҳати ба буҷет руёнидани бақияпулии андоз аз фурӯши нахи пахта дар доираи талаботи моддаи 72 Кодекси андоз чораҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, мутобиқи талаботи моддаи 69 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз ҳисоби маблағҳои изофа пардохтшудаи андоз аз фурӯши нахи пахта руйпуш намудани маблағи бақияи қарзи дигар намуди андозҳо тадбирҳои иловагӣ андешида, аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонидашуда то санаи 1 августи соли 2016 ба Кумитаи андоз маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Маблағи андоз аз фурӯши нахи пахта, ки дар натиҷаи корҳои назоратӣ то қабули Қонуни мазкур барилова ҳисоб шудаанд, ҳамчун пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешаванд.

4. Қисми 12 моддаи 15 дар таҳрири зерин қабул шуд:

"**Барои корхонаҳои сохтмонӣ, муассисаҳои таълимӣ (ба истисної муассисаҳои давлатии дар банди 6) қисми 2 моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда) ва корхонаҳои хӯроки умумӣ меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 5 фоиз (ба истиснои воридоти андозбандишаванда) муқаррар карда шуда, ҳисобкунӣ ва пардохти он мутобиқи муқаррароти моддаи 181 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад**."

Дар асоси муқаррароти мазкур аз санаи 1 июли соли 2016 барои корхонаҳои сохтмонӣ, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои хӯроки умумӣ меъёри андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 5 фоиз муқаррар карда шуд ва андозсупорандагонеро, ки ба ин номгӯй шомиланд, зарур аст, ки ба санаи 1 июли соли 2016 бақияи молу маҳсулоти бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда харидоринамудаи худро (ба истисноӣ воридоти онҳо) баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) намуда, бо пешниҳод намудани эъломияи иловагии андоз аз арзиши иловашуда барои моҳи июни соли 2016 маблағи изофапулии ба санаи 1 июли соли 2016 боқимондаро ислоҳ намоянд.

Минбаъд ин андозсупорандагон эъломияи андоз аз арзиши иловашударо бо меъёри 5 фоиза пешниҳод намуда, ҳамзамон тибқи талаботи моддаи 181 Кодекси андоз ба истисноӣ воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, инчунин содироти андозбандишаванда, ҳангоми харид аз дохили ҷумҳурӣ ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудаи пардохтшударо надоранд.

Дар ҳолати анҷом додани воридоти андозбандишавандаи молҳо ва минбаъд таҳвил намудани чунин молҳо, таҳвили минбаъдаи молҳои воридшударо бо меъёри 18 фоиз андозбандӣ карда, ҳуқуқ доранд тибқи моддаи 183 Кодекси андоз андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми

воридот пардохт намудаашонро ба ҳисоб гиранд. Ҳангоми ба дигар мол табдил додани молҳои дар натиҷаи воридоти андозбандишаванда ва амалиёти андозбандишаванда харидоришуда, ҳиссаи таҳвили минбаъдаи чунин моли дигар мутаносибан ба вазни қиёсии молҳои воридшуда дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ андозбандӣ гардида, ҳиссаи боқимондаи таҳвили чунин молҳои дигар бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ карда мешавад. Андозсупорандагони мазкур уҳдадоранд, ки тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро (муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишавандаро) аз рӯи ин намуди фаъолият амалӣ намоянд.

Раёсатҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ташкили андозбандӣ, такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо ва дигар раёсатҳои Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар якҷоягӣ бо НАК, НАМ, раёсатҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ВМКБ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ семинар-машваратҳо ташкил намуда, аз муқаррароти Қонуни мазкур кормандони мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагонро огоҳ намоянд.

Раис Н.Давлатзода